**Таҳрири 10**
**Аз 20-уми сентябри соли 2025**

Эсхата

# ШАРТНОМАИ
# СУРАТҲИСОБИ КОРТӢ ВА ПЕШНИҲОДИ КОРТИ БОНКӢ
# (бо низоми пардохтии "Корти миллӣ, кортҳои ҶСК "Бонки Эсхата")
# ОФЕРТАИ ОММАВӢ

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Бонки Эсхата"** минбаъд **"Бонк"** номида мешавад, аз як тараф ва Шахси воқеӣ, ки минбаъд **"Доранда"** номида мешавад аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ "Тарафҳо" ва дар алоҳидагӣ "Тараф" номида мешаванд, Шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин бастанд:

## 1. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

1.1. Шартномаи мазкур офертаи оммавӣ ба ҳисоб рафта тавассути сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com, барномаи мобилии Эсхата онлайн, дар воҳидҳои сохтории бонк (бо яке аз ин усулҳо), ҷойгир ва пешниҳод карда мешавад. Аксепти шартномаи мазкур аз ҷониби Доранда, ин ба Бонк дар шакли қоғазӣ бо имзои шахсӣ пешниҳод намудани шакли аз тарафи Бонк муқарраршудаи Ариза-дархост (замимаи №1) оид ба гирифтани корт ва қабули Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) мебошад.
1.2. Бо хоҳиш ва талаби Доранда матни Шартномаи мазкур метавонад, ба Доранда бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.
1.3. Аксепти пешниҳоди оммавӣ наметавонад бо тартиби дигаре анҷом дода шавад, ба ғайр аз талаботҳое, ки Шартномаи мазкур пешбинӣ намудааст.
1.4. Ариза-дархост аз лаҳзаи аз ҷониби шахси масъули Бонк қабул намудан ва дар он қайд оиди қабул шудан гузоштан далели баста шудан ва ҳамроҳ шудан ба Шартномаи мазкур мебошад. Нусхаи Ариза-дархост бо қайди Бонк ҳангоми зарурият бо хоҳиши Доранда ба Доранда пешниҳод карда мешавад.
1.5. Маҳалли басташудани шартнома, маҳалли ҷои қайди Бонк ва ё воҳидҳои сохтории он, ки ба Доранда суратҳисоби кортӣ кушодааст, ба ҳисоб меравад.

## 2. ИСТИЛОҲОТ ВА ИХТИСОРҲО

**Авторизатсия** – тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои дорандаи корт аз ҷониби ношир барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;
**Ариза-дархост**– дархост оид ба кушодани суратҳисоби корт, гирифтани корт ва ҳамроҳ шудан ба Шартномаи суратҳисоби кортӣ ва пешниҳоди корти бонкӣ (бо низоми пардохтии "Корти миллӣ, кортҳои ҶСК "Бонки Эсхата") офертаи оммавӣ, ки шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст ва аз ҷониби Доранда тибқи тартиби муқарраргардида имзо карда шудааст (Замимаи №1).
**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон;
**Банкомат** – маҷмааи барномавию техникии электронӣ, ки ба дорандаи корти пардохтии бонкӣ барои гирифтани пули нақд ва истифодаи хизматрасониҳои дигари ташкилоти қарзии молиявӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ, имконият медиҳад;
**Корти пардохтии бонкӣ –** воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;
**Дорандаи корт** – шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси шартномаи пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;
**Кортҳои локалӣ (дохилӣ)** – корте, ки танҳо дар доираи шабакаи терминалии ташкилоти қарзии молиявӣ хизматрасонӣ карда мешаванд;
**Кортҳои миллӣ** - корте, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии "Корти миллӣ" хизматрасонӣ карда мешаванд;
**Нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақд** - хазинаи ташкилоти қарзии молиявӣ, филиали он ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ ва воҳидҳои сайёр, инчунин агенти пардохтии бонкӣ, ки барои гузаронидани амалиёти пешниҳод ва/ё қабули пули нақд ва иҷро намудани ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ пешбинӣ шудааст;

**Овердрафт** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи муштарӣ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои шартномаи пешниҳоди корт муайян гаштаанд;
**Рақами мушаххаскунандаи шахсӣ** – рамзи шахсие, ки бо мақсади мушаххас кардани дорандаи корт ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ аз тарафи ношир ба дорандаи корт дода мешавад;
**Суратҳисоби бонкӣ** – суратҳисоби бонкии Доранда бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки дар Бонк кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии муштарӣ инъикос мегардад;
**Тарофаи Бонк (Тарофа амалкунанда)** – ҷадвале, ки дар он нархи хизматрасонии Бонк ҷойгир карда шудааст;
**Терминал (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ)** – таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;
**Эсхата Онлайн** – бонкдории мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Мизоҷ (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад.
**Воҳидҳои сохтории Бонк-** Идораи амалиётӣ, Филиалҳо.

## 3. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

3.1. Бо шартномаи мазкур Бонк ва Доранда тартиби иҷроиши ҳуқуқ ва ухдадориҳои байниҳамдигариро, ки вобаста ба ҳолатҳои зерин ба амал меоянд, муайян мекунанд:

- кушодан ва истифода кардани Суратҳисоби бонкӣ барои кортҳои пардохтӣ (минбаъд Суратҳисоб);
- аз тарафи Доранда барои истифода гирифтани корти пардохтӣ (минбаъд корт) дар мухлати амали он;
- ҳисоббаробаркуниҳои молиявӣ аз рӯи амалиётҳои бонкӣ, ки аз тарафи Доранда бо истифодаи Корти пардохтӣ амалӣ карда мешаванд.

3.2. Бонк ба Доранда барои ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи амалиётҳо бо Корт, суратҳисоб мекушояд, ки он дар Ариза-дархост қайд карда мешавад. Доранда бошад, суратҳисоб ва кортро аз рӯи таъинот ва талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон истифода барад ва ҳаққи хизматрасонии Бонкро тибқи Тарофаи Бонк, пардохт намояд.
3.3. Корт моликияти Бонк маҳсуб меёбад.

## 4. ТАРТИБИ КУШОДАНИ СУРАТҲИСОБ ВА ДОДАНИ КОРТ. РЕҶАИ КОРИ СУРАТҲИСОБ

4.1. Доранда мутобиқи Тарофаҳо ҳаққи хизматрасонии корт ва маблағи пасандози суғуртавиро пардохт мекунад. (пардохти маблағи пасандози суғуртавӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи корт сурат мегирад).
4.2. Баъд аз кушода шудани Суратҳисоб ва вобаста ба намуд тайёр шудани корт ба Доранда корт пешниҳод карда мешавад. Аз санаи пешниҳоди дархост оиди кушодани суратҳисоб ва корти бонкӣ, агар дар давоми то 180 (як саду ҳаштод) рӯз Доранда кортро нагирад, корт аз ҷониби Бонк несту нобуд карда мешавад ва маблағи барои корт пардохт намудаи Доранда баргардонида намешавад, инчунин ҳангоми нобудсозӣ агар бақияи суратҳисоб ба 0 (сифр) баробар бошад, суратҳисоб маҳкам карда мешавад. Маблағҳои пардохтшаванда ба суратҳисоби Доранда, ки дар Бонк кушода мешавад, дар шакли нақдӣ ва/ё ғайринақдӣ гузаронида мешаванд ва дар зери мафҳуми санаи гузаронида шудани маблағҳои зикршуда, санаи ба ин суратҳисоб дар ҳаҷми пурра гузаронида шудани маблағҳо фаҳмида мешавад.
4.3. Реҷаи кори Суратҳисоб, ки аз тарафи Бонк барои Доранда тибқи шартҳои Шартномаи мазкур кушода шудааст, чунин аст:

- бақияи маблағҳои пулӣ дар Суратҳисоб ба андозаи баландтарин маҳдуд карда намешавад;
- амалиётҳо аз рӯйи Суратҳисоб бояд дар ҳудуди бақияи Суратҳисоб ва/ё меъёри харoҷотии аз тарафи Бонк муқарраршуда гузаронида шаванд.

4.4. Ба бақияи маблағҳои дар Суратҳисоб буда фоизҳо тибқи Тарофаи амалкунандаи Бонк бо тарҳи андоз аз манбаи пардохт мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Фоизҳои ҳисобшуда дар аввали ҳар моҳи баъди моҳи ҳисоб намудан, ба бақияи маблағи Суратҳисоб илова мешаванд. Барои ҳисоб намудани фоизҳо ҳамчун замина 365 (Сесаду шасту панҷ) рӯз дар як сол ва миқдори рӯзҳои тақвимӣ дар як моҳ гирифта мешавад.

4.5. Ҳангоми барзиёдсарфкунӣ аз рӯйи Суратҳисоб, Доранда маблағи барзиёд хароҷот кардашударо бояд ҷуброн намояд. Дар акси ҳол, Бонк ба таври ғайриаксептӣ маблағи барзиёд хароҷоткардашударо аз суратҳисоби маблағҳои суғуртавӣ ё аз дигар суратҳисобҳои дар бонк кушодаи Доранда меситонад. Дар давоми 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи рӯй додани барзиёдсарфкунӣ Доранда вазифадор аст маблағҳои суратҳисоби суғуртавиро мувофиқи Тарофаҳо барқарор намояд, дар акси ҳол Бонк амалиётҳои содиротиро аз рӯи корт то руйпӯш намудани маблағи барзиёдсарфшуда боз медорад. Ҳангоми ба амал омадани барзиёдсарфкунӣ аз рӯйи Суратҳисоб, Бонк баҳисобгирии онро дар ҳисоби махсуси баҳисобгирии талабот ба Доранда то лаҳзаи аз тарафи Доранда рӯйпӯш шуданаш бо роҳи гузаронидани маблағ аз Суратҳисоби Доранда ба ҳисоби мазкур, ба амал мебарорад.

4.6. Дар ҳолати ба суратҳисоби Доранда ворид шудани маблағҳои асъории аз асъори суратҳисоб фарқкунанда, онҳо бо қурби муқаррар намудаи Бонк, ки ба лаҳзаи воридоти маблағ амал мекард ба таври автоматӣ мубодила гашта ба суратҳисоб ворид мешаванд.

4.6.1. Дар ҳолате агар, асъори амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз асъори корти бонкии пардохтӣ фарқ намояд, ҳангоми аз ҳисоб баровардани маблағ аз суратҳисоби корти бонкӣ, Бонк маблағи амалиётиро бо қурби мубодилавии Бонк дар сана ва вақти гузаронидани амалиёт ба асъори корти бонкӣ мубодила намуда, амалиётро коркард ва анҷом менамояд.

4.7. Дар ҳолати аз ҷониби Доранда бо истифода аз корт гирифтани маблағи пулӣ аз банкоматҳо, постерминалҳо, дигар таҷҳизотҳои пулдиҳӣ ва нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақдии Бонк тибқи Тарофаи амалкунандаи Бонк ҳаққи хизматрасонӣ ситонида мешавад. Дар ҳолати аз банкоматҳо, постерминалҳо, дигар таҷҳизотҳои пулдиҳӣ ва нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақдии ба дигар ташкилотҳои қарзӣ таалluқ дошта гирифтани маблағ, ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия)-и аз рӯӣ Тарофаҳои ин ташкилотҳои қарзӣ (молиявӣ), ситонида мешавад.

4.8. Истифодаи корти бонкӣ ва ё суратҳисоби корти бонкӣ дар амалҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар, ҳамчунин иштирок дар маблағгузории терроризм, экстремизм, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва силоҳи қатли ом аз ҷониби Доранда ва ё шахсони сеюм, қатъиян манъ мебошад. Доранда бо аксепт намудани шартномаи мазкур тасдиқ менамояд, ки бо қонуншиканиҳо огоҳ аст ва талаботи қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Шартномаи мазкурро риоя менамояд.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОРАНДА

**5.1. Доранда ҳуқуқ дорад:**

5.1.1. Аз Бонк, дар дилхоҳ давра беруннависи гардиши маблағҳои пулӣ ва бақия дар суратҳисоби кортиро дар ҳомили қоғазӣ ва ё дар намуди электронӣ гирад.

5.1.2. Ба Бонк бо хоҳиши маҳкам кардани корти асосӣ, инчунин корти иловагӣ муроҷиат намояд.

5.1.3. Бо меъёрҳо ва талаботҳои асосии бехатарии истифодабарии корт, Қоидаҳои истифодабарии корт (минбаъд дар матн “Қоидаҳо” замимаи №2) ва инчунин бо Тарофаҳои амалкунанда, ки дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ҷойгир карда шудаанд шинос шавад ва ҳангоми зарурият иттилооти мазкурро дар ҳомили қоғазӣ ё дар намуди электронӣ аз Бонк талаб кунад.

5.1.4. Доранда метавонад дар ҳар кадом вақт бо қурби расмии аз тарафи Бонк муқаррар гардида дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** шинос шавад.

**5.2. Доранда уҳдадор аст:**

5.2.1. Бонкро фавран оид ба ҳама гуна тағийроти мушаххасоти дар Ариза-дархост зикршуда ба таври хаттӣ **фавран** аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани тағйирот, хабардор намояд. Ҳамчунин оиди тағйир ёфтани рақами телефон, ки ба корти бонкӣ пайваст карда шудааст, дар муҳлати зикршуда огоҳ намояд.

5.2.2. Уҳдадорӣ ва қоидаҳои тибқи шартномаи мазкур ва замимаҳои он муайяншударо қатъиян риоя кунад, инчунин риоя ва иҷроиши онро аз соҳибони кортҳои иловагӣ талаб намояд.

5.2.3. Ба Бонк ҳаққи хизматрасонии пешбинишударо тибқи Тарофаҳои амалкунандаи Бонк пардохт намояд.

5.2.4. Бо меъёрҳо ва талаботҳои асосии бехатарии истифодабарии корт, Қоидаҳо ва тарофаҳои амалкунанда, ки дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ҷойгир карда шудаанд шинос шавад, риоя кунад ва ҳифзи рақами мушаххаскунандаи шахсиро таъмин намояд.

5.2.5. Ҳангоми гум кардан, дуздида шудани корт ё аз ҷониби шахси беваколат мавриди истифода қарор гирифтани корт, фавран Бонкро оиди боздоштани амалиётҳо ба воситаи корт ба тариқи телефон, почтаи электронӣ ё шахсан хабардор намояд, баъдан дар давоми то **3 (се)** рӯз ба Бонк ариза оиди қатъ намудани амалиёти корт, пешниҳод намояд.

5.2.6. Хароҷот ва воридоти маблағҳоро ба суратҳисоби корти худ назорат намуда, дар ҳолати хароҷоти барзиёд (бо сабабҳои техникӣ) маблағҳои барзиёд гирифтаро баргардонад.

5.2.7. Баъди қабули СМС-паём аз рӯи суратҳисоби корти бонкӣ оиди маблағи ба суратҳисоб саҳван (хато) воридшуда, дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ Бонкро хабардор намояд ва маблағи саҳван (хато) ворид шударо дар давоми то **3 (се)** рӯзи тақвимӣ ба Бонк баргардонад.
5.2.8. Ба шахсони сеюм дастрасӣ ба корти пардохтӣ ва суратҳисоби корти бонкӣ, аз ҷумла барои истифода, ихтиёрдорӣ ва гузаронидани амалиётро надиҳад (ба истисноии талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ).

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ БОНК

**6.1.Бонк ҳуқуқ дорад:**
6.1.1. Ба таври беаксепт аз Суратҳисоб маблағҳои зеринро аз ҳисоб барорад:
- тамоми амалиётҳои ба воситаи Корт ва ё мушаххасоти онро, ки ҳам аз тарафи Доранда ва ҳам аз тарафи шахсони сеюм ба амал бароварда шудаанд;
- ҳаққи хизматрасонӣ(комиссия)-ҳои Бонкро мутобиқи Тарофаҳои амалкунанда;
- ҳаққи хизматрасонӣ(комиссия)-ҳои Бонкро барои хизматрасонии Суратҳисоб мутобиқи Тарофаҳои амалкунанда;
- ҳаққи хизматрасонӣ(комиссия)-ҳои аз ҷониби низомҳои пардохтӣ ва дигар бонкҳо муқарраршуда;
- хароҷотҳои воқеии бонкро вобаста ба рафъи истифодаи ғайриқонунии Корт ҳам аз тарафи Доранда ва ҳам аз тарафи ашхоси дигар (боздоштани Корт, дохил кардан ба Рӯйхати стоп-варақа, дар терминалҳо боздоштани амалиёти Корт ва ғайраҳо);
- маблағҳои бо сабабҳои техникӣ ё дигар ҳолатҳо, ки саҳван (хато) ба суратҳисоб ворид шудаанд;
- маблағҳои овердрафти техникӣ ва ноустуворонаю ҷаримаҳои овердрафти техникӣ ва дигар маблағҳои уҳдадории қарзии Доранда дар назди Бонк.

Пайдарҳамии пардохт кардани қарзи дорандаро чунин муқаррар намояд:
-маблағи барзиёдсарфшуда аз рӯйи Суратҳисоб;
-аз ҳисоб баровардани дигар маблағҳои пулӣ;
6.1.2. Бонк дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи боздошт ва мусодира намудани кортҳои пардохтии бонкиро дорад:
- қабули огоҳинома аз Доранда дар бораи гум кардан, дуздидан ё истифодаи беиҷозати корт;
- аз ҷониби Доранда иҷро накардани уҳдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур ва/ё Қоидаҳо дарҷ гардидаанд;
- риоя накардани қоидаҳои истифодабарии корт;
- ба охир расидани муҳлати амали корт;
- бекор кардани Шартномаи мазкур;

6.1.3. Дар ҳолати аз тарафи Доранда вайрон карда шудани шартҳои Шартномаи мазкур ва/ё Қоидаҳо, чораҳои зеринро амалӣ гардонад:
- Боздоштан ё қатъ кардани амали корт (корти иловагӣ), аз он ҷумла, бо роҳи дохил кардани кортҳои мазкур ба Рӯйхати стоп-варақаи низом (система)-ҳои пардохтҳои байналмилалӣ бо ҷуброн кардани тамоми хароҷотҳои вобаста ба ин амалиёт аз ҳисоби Доранда;
- Ба Доранда барои гирифтани корти нав (иловагӣ) монеъ шавад.

6.1.4. Эътимоднокии маълумотҳои аз тарафи Доранда дар Ариза-дархост нишондодашударо тафтиш намояд.
6.1.5. Яктарафа ба Шартномаи мазкур тағйироту иловаҳо ворид намояд ва оиди ба таври яктарафа тағйир ёфтан (аз он ҷумла, оиди мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) на дертар аз **10 (Даҳ)** рӯзи тақвимӣ то мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо ба Доранда маълумот диҳад. Маълумот тариқи аз тарафи Бонк дар лавҳаҳои иттилоотии бонкӣ, смс-хабардоркунӣ, занги телефонӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ фиристодани лоиҳаи шартнома ба Доранда, ҷойгирнамоии таҳрири нави шартнома дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** (бо истифодаи яке аз ин усулҳо), расонида мешавад.
6.1.6. Дар ҳолати аз тарафи Бонк ё шахсони сеюм ва ё ҳолатҳои дигар ба суратҳисоб саҳван (хато) воридшудани маблағҳои пулӣ, бидуни супориши (бе розигии) Доранда ва ё мактуби иловагии ӯ, маблағи саҳван (хато) воридшударо аз суратҳисоб барорад.
6.1.7. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин амалиётро аз рӯи суратҳисоб боздошт намояд:
а) агар Доранда аз азнавсозии маълумотҳои мушаххаскунӣ саркашӣ намояд;

б) агар муайян гардад, ки Доранда ба Бонк оиди худ ва фаъолияти хеш маълумотҳои нопурра ва бардурӯғ пешниҳод намудааст, ки ба нуфузи Бонк таъсири манфӣ мерасонад;
в) агар Доранда аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи амалиёт ва аҳдҳо саркашӣ намояд агар уҳдадории пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда бошад;
г) агар аз ҷониби Бонк дар амалиёт/аҳдҳои гузаронидаи Доранда номувофиқатӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муайян карда шавад;
д) агар Бонк амалиёт/аҳдҳои бо мақсади қаллобӣ, саркашӣ аз расмиёти санҷиши зарурии Доранда ё дигар вайронкуниҳои сиёсат ва расмиёти дохилии Бонк, аз ҷониби Доранда содиршударо ошкор намояд;
е) дар ҳолати имконнопазир будани азнавсозии маълумотҳои мушаххаскунии Доранда;
ж) дар сурати аз тарафи Доранда ё шахси сеюм бо корти бонкӣ ё суратҳисоби корти бонкӣ даст доштан ба амалҳои ҷиноӣ.

6.1.8. Бонк то пурра анҷом ёфтани чараёни санҷиши дахлдор, ҳуқуқ дорад бе огоҳии пешакӣ муносибатҳои кориро қатъ намояд, амалиётҳои алоҳида ё ҳамаи амалиётҳоро, ки дар доираи шартномаи мазкур иҷро мегарданд, иҷро накунад, инчунин дар ҳолати аз тарафи Доранда саркашӣ кардан аз санҷиши дахлдори пешбинӣ намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк, муносибатҳои кориро қатъ намояд.

6.1.9. Бонк ҳуқуқ дорад иҷрои супориши/ фармоиши Дорандаро дар бораи анҷом додани амалиёт ё аҳдҳо, ки оид ба онҳо ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда нашудаанд ё маълумоти нодуруст барои сабти маълумот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк пешниҳод карда нашудаанд, рад намояд.

6.1.10. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолати ошкор шудани кирдорҳои коррупсионӣ аз тарафи Доранда, аз номи ӯ ва ё ба манфиати ӯ, муносибатҳоро бо Доранда қатъ намояд.

6.1.11. Дар ҳолати аз тарафи Доранда вайрон шудани уҳдадории дар зербанди 5.2.8.-и Шартномаи мазкур зикр шуда, Бонк ҳуқуқ дорад, ки бе пешакӣ огоҳ намудани Доранда Шартномаро қатъ намояд.

6.2. **Бонк уҳдадор аст:**

6.2.1. Ҳангоми гум кардани корт (зарари механикӣ расидан, шикасти корт ва ё ба охир расидани муҳлати амали он) дар асоси аризаи хаттии Доранда ба ӯ корти нав (навбатӣ)-ро тибқи шартҳои шартномаи мазкур ва Тарофаҳо, пешниҳод намояд.

6.2.2. Ҳангоми муроҷиати Доранда оиди қатъ кардани амалиётҳои корти пардохтии бонкӣ (ҳангоми гум ё дуздида шудани корт ва ё дигар ҳолатҳо), амалиётҳоро ба воситаи корт қатъ намояд. Дар ҳолати саривақт амалиётҳои кортро қатъ накардан ва дар натиҷа аз суратҳисоби корти бонкии Доранда хориҷ шудани маблағ, Бонк маблағи хориҷшударо ба Доранда ҷуброн менамояд.

6.2.3. Бо талаб ва ё дархости Доранда кортро якҷоя бо Қоидаҳо, меъёрҳо ва талаботҳои асосии бехатарии истифодабарии корт ва тарофаҳои амалкунанда, инчунин рақами мушаххаскунандаи шахсӣ ва/ё дигар рамзҳое, ки метавонанд дорандаи кортро мушаххас намоянд дар ҳомили қоғазӣ ё дар намуди электронӣ, инчунин тавассути ҷойгирнамоӣ дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** пешниҳод намояд.

6.2.4. Ҳангоми бастани шартномаи мазкур хизматрасонии хабаррасониро пайваст намояд (ба истиснои аз ҷониби Доранда рад шудани ин хизматрасонӣ).

6.2.5. Бо дархости Доранда дар дилхоҳ давра беруннависи гардиши маблағҳои пулӣ ва бақия дар суратҳисоби кортиро дар ҳомили қоғазӣ ва ё дар намуди электронӣ пешниҳод намояд.

6.2.6. Бо дархости аввали Доранда оиди гирифтани маблағи пулии дар суратҳисоб буда, ҳамаи маблағ ё қисми онро баргардонад, агар маблағи пулии дар суратҳисоб буда ба сифати таъминнокӣ ба гарав гузошта нашуда бошад.

## 7. КАФОЛАТИ МАБЛАҒИ ПУЛИИ СУРАТҲИСОБ

7.1. Бонк баргардонидани маблағҳои пулиро аз руи суратҳисоб бо тамоми дороиҳояш кафолат медиҳад.

7.2. Дар ҳолати муфлисшавии Бонк баргардонидани маблағҳои пулии суратҳисоб аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон дар ҳаҷм ва тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” сурат мегирад. Маълумот оиди суғуртаи амонату пасандозҳо дар Замимаи №3 оварда шудааст.

7.3. Кафолати маблағи пулии суратҳисоб аз рӯи тартиб, ҳаҷм ва шартҳои мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

## 8. МАХФИЯТ

8.1.Маълумоте, ки ҳангоми бастан ва ё иҷрои шартномаи мазкур маълум мегарданд, махфӣ ҳисобида мешавад ва набояд бе асосҳои муқаррар намудаи қонунгузорӣ ба шахси сеюм расонида шавад ва ё бо мақсади баромадан аз чорчӯбаи матлаби шартнома истифода бурда шаванд.
8.2. Бонк махфӣ будани суратҳисоби бонкӣ, амалиётҳо вобаста ба он ва маълумот оид ба молики суратҳисобро кафолат медиҳад (ба истиснои ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда).

**9. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО**

9.1. Барои иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани шартҳои шартномаи мазкур тарафҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар ҳастанд.
9.2. Дар сурати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Доранда гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк бояд барои ҳар рӯзи таъхир, ба Доранда аз рӯи маблағи муҳлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима диҳад.
9.3. Амалиётҳое, ки аз сабаби беаҳмияти ва бемасъулиятии Доранда аз он ҷумла хабардор накардан ҳангоми тағйир ёфтани мушаххасот (рақами телефон, суроға, маълумотҳои ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият) ба миён меоянд, Бонк ҷавобгар нест.
9.4. Барои истифодаи корт аз ҷониби шахсони дигар Бонк масъулият надорад.
9.5. Доранда барои зараре, ки ба Бонк дар натиҷаи риоя накардани талаботҳои шартномаи мазкур ва Қоидаҳо расонида шудааст, дар ҳаҷми пурраи зарари ба Бонк расонидашуда, барои маълумоти нопурра ва носаҳеҳ, ки ба Бонк пешниҳод кардааст, ба таъхир гузоштани пардохти маблағи қарздорӣ (овердрафти техникӣ) дар назди Бонк дар ҳаҷми маблағи пардохтнашуда, ҷавобгар мебошад.
9.6. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”-ро бе чунну чаро риоя намоянд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгариҳои интизомӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ вуҷуд дорад.
9.7. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодааст. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.
9.8. Доранда шахсан масъули нигоҳдории маълумоти корти бонкии худ ҳангоми истифодаи он дар захираҳои интернетӣ, аз ҷумла онлайн- мағозаҳо, барномаҳои мобилӣ ва дигар платформаҳои рақамӣ, ҳамчунин ҳангоми истифодаи корт дар банкоматҳо ва pos-терминалҳо мебошад. Дар ҳолати аз даст рафтани маблағҳо, ки дар натиҷаи ошкор шудани маълумоти корти бонкӣ ба шахсони сеюм, истифодаи он дар сомонаҳои нобовар ё қалбакӣ, ё амалиёти қаллобон ба вуҷуд меояд, Бонк масъулияти зарари расидаро ба дӯш намегирад.

**10. ҲАЛЛИ БАҲСҲО**

10.1. Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Бонк, сариваќт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Доранда оварда мерасонад, Доранда метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии **shikoyat@eskhata.tj** ба Бонк муроҷиат намояд.
10.2. Ҳамаи масоили баҳсӣ ё ихтилофоти назар, ки аз иҷроиши қисмҳои дахлдори Шартномаи мазкур бармеоянд бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал карда мешаванд.
10.3. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал нашудани баҳсҳо, тарафҳо метавонад нисбати тарафи дигар тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суд муроҷиат намоянд.

**11. МУҲЛАТИ АМАЛ ВА ТАРТИБИ ҚАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМАИ МАЗКУР**

11.1. Шартномаи мазкур аз санаи аксепт шудан аз ҷониби Доранда баста шуда ба ҳисоб меравад ва то тамом шудани муҳлати корти бонкӣ амал менамояд.
11.2. Дар ҳолати азнавбарориши корт, муҳлати амали шартнома ба муҳлати корти бонкӣ тамдидшуда ҳисоб меёбад. Дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати амали корт, суратҳисоби бонкие, ки ба корт пайваст шудааст маҳкам карда мешавад. Агар аз тарафи Доранда азнавбарориши корти бонкӣ талаб карда шавад, дар ин ҳолат Бонк метавонад корти навро ба суратҳисоби қаблии Доранда пайваст намояд ва ё инки ба суратҳисоби нав пайваст кунад.
11.3. Амали шартномаи мазкур дар чунин ҳолатҳо пеш аз муҳлат қатъ карда мешавад:
11.3.1. Бо созиши тарафҳо;
11.3.2. Бо ташаббуси доранда дар ҳолатҳои зерин:
- Тибқи аризаи Доранда, дар ҳолати набудани уҳдадории қарздорӣ дар назди Бонк;

- Дар ҳолати бо тағйироти шартномаи мазкур розӣ набудани Доранда, тибқи аризаи ӯ.

11.3.3. Бо ташаббуси Бонк, дар ҳолатҳои зерин:

- дар ҳолати дар давоми 10 (даҳ) рӯзи баъди гузашти муҳлати амали корти бонкӣ бо суратҳисоби корти бонкӣ нагузаронидани амалиёт, бе пешакӣ огоҳ намудани Доранда;
- бо тартиб ва ҳолатҳои дар зербанди 6.1.7.-и Шартномаи мазкур зикршуда, бе пешакӣ огоҳ намудан;
- дар ҳолати аз ҷониби Доранда вайрон шудани шартҳои Шартномаи мазкур, ки дар зербанди мазкур зикр нашудаанд ва қоидаҳои истифодабарии корт бо роҳи 10 (даҳ) рӯз пеш бо яке аз усулҳои дар зербанди 6.1.5.-и Шартномаи мазкур зикр шуда, аз амали қатъкунии Шартномаи мазкур (ба истиснои банди 4.2., зербандҳои 6.1.8., 6.1.11. ва 11.3.3. -и Шартномаи мазкур) Дорандаро огоҳ намудан;
- дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст.

11.4. Ҳангоми дар вақти қатъ кардани Шартномаи мазкур мавҷуд будани амалиётҳои нотамоми баҳснок, Бонк ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи баҳснокро ба муҳлати зарурӣ то қабул кардани қарори ниҳоӣ, мавқуф гузорад.

11.5. Дар ҳолати қатъ шудани шартномаи мазкур, агар дар суратҳисоб бақияи маблағҳои пулӣ боқӣ монда бошад, он ба Доранда баргардонида мешавад ва ё тибқи дастури ӯ ба дигар суратҳисоб интиқол дода мешавад.

## 12. ШАРТҲОИ ДИГАР

12.1. Дар доираи шартномаи мазкур тибқи дархости Доранда, мумкин аст овердрафт пешниҳод карда шавад. Шарту талаботҳои овердрафт дар Созишномаи иловагӣ, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида мешавад, зикр карда мешавад.

12.2. Тарофаҳо аз тарафи Бонк тариқи яктарафа, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи Бонк **www.eskhata.com** на дертар аз **10 (Даҳ)** рӯз пеш аз мавриди амал қарор гирифтани он, тағйир дода мешавад. Дар сурати норозигии Доранда бо Тарофаҳои нав, ӯ ҳуқуқ дорад шартномаи мазкурро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур бекор кунад.

12.3. Бо аксепт намудани Шартномаи мазкур, Доранда тасдиқ менамояд, ки бо шартҳои барориши корт, қоидаҳо ва тарофаҳои дахлдори Бонк шинос мебошад ва доир ба хавфи амалҳои қаллобӣ бо корт ва чораҳои пешгирии онҳо огоҳ аст. Доранда бо аксепт намудани Шартномаи мазкур розигии худро оиди масъалаҳои зерин баён менамояд:

- бо воситаи хадамоти алоқа (почта) ва ё қосид (курьер) ирсол намудани огоҳинома ва хабарномаҳо ба макони зисти Доранда новобаста аз ҳузури шахсии Доранда ва аз ҷониби шахсони сеюм (хешу табори Доранда) қабул намудани огоҳинома ва хабарномаҳо;
- барои аз ҷониби Бонк равона намудани «sms – иттилоот» (аз ҷумла иттилооти характери рекламавӣ дошта);
- аз ҷониби Бонк пешниҳод шудани чеки электронӣ, ҳангоми анҷом додани амалиётҳо бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ ба воситаи шабакаи терминалии Бонк.

12.4. Доранда метавонад тавассути рақами телефонии **+992 44 6000600** ё рақами кӯтоҳи **808** ба сохтори масъули хизматрасони Бонк, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд.

12.5. Ҳамаи дигар шартҳое, ки дар шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

## 13. НИШОНИҲОИ БОНК

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата»**

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ

аз 20-уми майи соли 2010. Муҳлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135

Хадамоти маълумотӣ (Маркази тамос): +992 44 6000600, рақами кӯтоҳи **808**

Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972457071

РЯМ:5110001371

РМА: 510004229

БИК: 350501707

СВИФТ: EJSATJ22

**Email: info2@eskhata.tj**

*Замимаи №2*
*Шартномаи суратҳисоби кортӣ ва пешниҳоди корти бонкӣ (бо низоми пардохтии "корти миллӣ, кортҳои ҶСК "Бонки Эсхата") офертаи оммавӣ*

**Қоидаҳои**
**истифодабарии корт дар ҶСК «Бонки Эсхата»**

**Барои иҷрои амалиёт дар банкомат, амалҳои зеринро иҷро намоед:**

Навори магнитии корти пардохтиро ба поён карда, ба банкомат дохил кунед. Нишонаи рамзии Бонк бояд дар кунҷи болоии тарафи рости/чапи корти пардохтӣ ҷой гирифта бошад;

Бо истифода аз тугмачаҳои канории монитори банкомат забони лозимаи амалиётро интихоб намоед: тоҷикӣ, англисӣ ё русӣ.

Пас аз интихоби забон, банкомат аз Шумо дархост менамояд, ки Рақами Мушаххаси худро (ПИН-код) ворид намоед. Пас, онро бо пахш кардани тугмачаи «ENTER», ки дар клавиатураи банкомат ҷойгир аст, тасдиқ намоед; Ба дастурҳои банкомат бо диққат аҳамият дода, аз тугмачаҳои канори монитор истифода бурда, амалиёти лозимаро интихоб намоед;

Пас аз анҷоми амалиёт корти худ ва пас аз гирифтани пули нақд расидро гиред;

Агар банкомат корти Шуморо боздорад ё он дар банкомат андармон шавад, дар ин бора ба корманди масъули бонк хабар диҳед ё тариқи телефони (+992 44) 600-0-600 занг занед ва огоҳ намоед.

Дар ҳолати аз банкомат надодани пул, вале аз ҳисоби дорандаи корт боздошта шудани маблағи амалиёт, дорандаи корт бояд шахсан бо пешкаш кардани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти худ, ба бонк бо аризаи хаттӣ оид ба то чӣ андоза қонунӣ будани ин амалиёт, муроҷиат намояд.

**Бояд тазаккур дод:**

Шумо то се маротиба кӯшиши хато даровардани рақами мушаххасро доред. Пас аз се кӯшиши бебарори даровардани рақами мушаххас, банкомат корти шуморо мусодира менамояд ё онро бозмедорад!

**Бехатарӣ:**

Ҳангоми иҷрои амалиёт дар банкомат ба дорандаи корт амалиётҳои зайл **манъ** аст:

-Аз кӯмаки шахсони бегона истифода бурдан;
-Ба шахсони бегона рақами мушаххаси (ПИН коди) худро ошкор намудан;
-Хангоми иҷрои амалиёт диққаташро парешон накардан (ба монанди сӯҳбат кардан тариқи телефон ва ғайра);
-Маблағи гирифта ва расидро дар назди банкомат гузорад.

**Ҳангоми ичрои амалиёт дорандаи корт вазифадор аст:**

Боварӣ ҳосил кунад, ки шахсони бегона имконияти дидани рақами мушаххасе, ки ӯ ворид карда истодааст ва инчунин маблағи дархостшударо надошта бошанд;

Боварӣ ҳосил кунад, ки дар клавиатураи банкомат ягон ашё ё маводи шубҳанок набошад (масъалан камера ба тугмачаҳои банкомат нигаронида шуда набошад, дар ҷиҳози қабул ва баровардани корт ягон маводи зиёдатӣ набошад, дар калидҳо навори шаффоф набошад), худи клавиатура бошад, бояд дар ҷабҳаи банкомат ҷойгир шуда бошад, на дар саҳяи алоҳида.

Ҳангоми ворид намудани маълумот ба иштибоҳ (хатогӣ) роҳ дода шавад ё банкомат барои иҷрои амалиёте дархост диҳад, ки иҷрои он аз тарафи дорандаи корт номатлуб аст, амалиётро бо пахш кардани тугмачаи «ОТМЕНА» (НЕТ, CANCEL) бекор кунад;

Аз дастурҳое, ки дар саҳфаи намоиш (экран) пайдо мешаванд пайгирӣ намояд ва то ба охир расидани ҳамаи амалиётҳо аз банкомат дур наравад.

Пас аз баромадани паём, корт, пул ва расидро фавран гирад, зеро вақт барои иҷрои ин амалиёт маҳдуд (7-8 сония) мебошад. Дар акси ҳол, банкомат онҳоро ба худ мусодира менамояд.

**Ҳангоми истифодабарии корти бонкӣ барои пардохти ғайринақдии молҳо ва хизматрасониҳо**

- Амалиёт бо истифодабарии корти бонкӣ барои пардохти молу хизматрасониҳо бояд танҳо дар ҳузури худи Шумо гузаронида шавад.
- Ҳангоми пардохти молу хизматрасониҳо тавассути корти пардохтии бонкӣ, хазинадор метавонад аз соҳиби корти пардохтии бонкӣ пешниҳод намудани шиноснома, имзо намудани чек ё ҳуруфчинии рақами мушаххаскунандаи шахсиро дар таҷҳизоти махсус талаб намояд. Пеш аз ҳуруфчинии рақами мушаххаскунандаи шахсӣ бояд боварӣ ҳосил намуд, ки шахсони дар назди шумо истода онро дида наметавонанд. Пеш аз имзо намудани чек маблағи дар чек нишондодашударо ҳатман санҷед.
- Агар ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ тавассути корти пардохтии бонкӣ амалиёт бомуваффақият анҷом наёбад, он гоҳ чеки аз терминал додашударо барои санҷиши минбаъдаи амалиёти мазкур бо беруннависи суратҳисоби бонкӣ нигоҳ доштан зарур мебошад.

**Ҳангоми гузаронидани амалиёт бо корти пардохтии бонкӣ тавассути шабакаи Интернет**

- Рақами мушаххаскунандаи шахсиро (ПИН-код) ҳангоми фармоиш додани молу хизматрасонӣ тавассути шабакаи Интернет истифода набаред. Ҳангоми хариди онлайн қайд намудани рақами мушаххаскунандаи шахсӣ (ПИН-код) зарур намебошад. Дар сурати талаб шудан дар ёд дошта бошед, ки қаллобон танҳо талаб менамоянд.
- Маълумоти шахсии корти пардохтии бонкиро ((рақами PAN, муҳлати корт ва CVV/CVC корти бонкӣ) тавассути шабакаи Интернет хабар надиҳед.
- Барои пардохти харид тавассути шабакаи Интернет, тавсия дода мешавад, ки корти пардохтии бонкии алоҳидаро, ки меъёри ниҳоии иҷрои амалиёт дорад, истифода баред.
- Танҳо аз сомонаҳои Интернетии маълум ва санҷидашудаи муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ истифода баред. Ба сомонаҳое, ки низоми **3D Secure**-ро дастгирӣ мекунанд (санҷиши иловагӣ тавассути SMS ё барнома) афзалият диҳед.
- Бо мақсади махфӣ нигоҳ доштани маълумоти шахсии корти пардохтии бонкӣ, тавсия дода мешавад, ки амалиёти харидро танҳо ба воситаи таҷҳизоти худ анҷом диҳед. Агар харид ба воситаи таҷҳизоти бегона амалӣ гардад, боварӣ ҳосил кардан лозим аст, ки маълумоти шахсии корти пардохтии бонкӣ дар таҷҳизоти мазкур сабт нашудааст.
- Дар таҷҳизоти худ барномаи зиддивирусӣ насб карда, онро мунтазам нав кунед. Ин таҷҳизоти Шуморо аз ворид шудани вирусҳои зараровар ҳифз менамояд.

Дар ҳамаи ҳолатхои ғайричашмдошт (гум кардани корт, дуздонидани он, дастрасии шахсони сеюм, аз корт хориҷ шудани маблағҳо бе тасдиқи Шумо ва ғайра) фавран ба Сарбонк ё филиале, ки аз он корт гирифта шудааст, муроҷиат намояд ё дар ин бора бо телефони **(+992 44) 600-0-600 ё 808** хабар диҳад. Ҳамчунин шумо метавонед мустақилона тариқи барномаи мобилии "Эсхата онлайн" корти бонкии худро фавран блок намоед.

**Маълумоти иловагӣ**:

Ба ғайр аз гирифтани маблағи накдина аз банкоматҳо, дорандаи корт метавонад пардохтҳои ғайринакдиро бо ёрии Pos–терминалҳое, ки дар хазинаи мағозаҳо, марказҳо ва нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ гузошта шудааст, иҷро намояд.

Комиссияи пардохти ғайринақдӣ ба 0 (сифр) баробар мебошад!

**Муфассалтар оиди суроғаи ҷойгиршавии банкоматҳо ва Pos–терминалҳоро, метавонед дар сомонаи https://eskhata.com/map/ огоҳӣ пайдо намоед.**

**Замимаи №3**

| | |
|---|---|
| **ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “БОНКИ ЭСХАТА” - УЗВИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО** | **ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН** |

## ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ БА ПАСАНДОЗДОР ОИДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

| | |
|---|---|
| **Мизоҷи мухтарам,**<br><br>Тавассути «Варақаи иттилоотӣ»-и мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо», мо Шуморо оиди низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хабардор менамоем | Маълумот оиди ташкилоти қарзӣ:<br>ҶСК “Бонки Эсхата”, 735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Гагарина 135,<br>РМА 510004229, РЯМ 5110001371<br>Телефон барои тамос: +992 44 600-0-600, рақами кутоҳ:808<br>Ному насаби пасандоздор:<br>Ному насаби пасандоздор ва дигар маълумотҳои шахсӣ дар ариза-дархост (замимаи №1) зикр карда шудаанд.<br>Ҷой (*сарбонк, филиал*) ва сана:<br>Номгӯи воҳиди сохтории бонк, ки ба мизоҷ хизматрасонидааст, дар ариза-дархост (замимаи №1) зикр карда шудааст. |

**Маълумоти асосӣ оиди суғуртаи амонату пасандозҳои Шумо**

Амонату пасандозҳои Шумо дар **ҶСК “Бонки Эсхата”** аз ҷониби **Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон** суғурта шудаанд

| | |
|---|---|
| Амонату пасандозҳои зерин дар ташкилоти қарзӣ суғурта шудаанд: | ✓ Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ ва ё дафтарчаҳои амонатӣ тасдиқ карда шудаанд |
| Маблағи амонату пасандозҳои шахсон (пасандоздорон)-и зерин суғурта шудаанд: | ✓ Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ<br>✓ Шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ |
| Ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорон: | ✓ Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ* аз ҷониби Хазина ба пасандоздорон ҷуброни маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда кафолат дода мешавад<br>✓ Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда **35 000 сомониро** ташкил медиҳад |
| Ҷубронпулии суғурта бо кадом асъор пардохт карда мешавад: | ✓ Амонату пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.<br>✓ Амонату пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд |
| Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад: | ✓ Он гоҳ ҳамаи суратҳисобҳо якҷоя карда шуда, ҷубронпулӣ дар асоси маблағи умумии дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз 35 000 сомонӣ пардохта карда мешавад |
| Муҳлати оғози пардохти ҷубронпулӣ ҳагоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ: | ✓ Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон оғоз менамояд |
| Суроғаи Хазина барои тамос: | Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734061<br>кӯчаи Маяковский 77/2<br>Телефон: +992 (44) 600-66-00, 600-32-45<br>Почтаи электронӣ: info@idif.tj |
| Муфассалтар дар сомонаи Хазина: | www.idif.tj |
| Тасдиқи гирифтани варақаи иттилоотӣ аз ҷониби пасандоздор | Тасдиқ менамоям:<br>Мизоҷ бо гузоштани имзо дар ариза-дархост (Замимаи №1) бо замимаи мазкур шиносшудан ва гирифтанро тасдиқ менамояд. |

| | |
|---|---|
| | |

**Маълумоти иловагӣ**
**(1) Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Ташкилоти қарзии Шумо ҶСК “Бонки Эсхата” иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мебошад.
* Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо - ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.
* Амонату пасандозҳои Шумо ба таври автоматӣ аз ҷониби Хазина ройгон бе ягон пардохти иловагӣ суғурта карда мешавад ва ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.
* Ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

**(2) Ҷуброни пули суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад
* Агар ба санаи ба вуқуъоии ҳолати суғуртавӣ маблағи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ аз андозаи ҷубронпулӣ (35 000 сомонӣ) зиёд бошад, он гоҳ баъди гирифтани ҷубронпулӣ маблағи боқимондаи пасандоздор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳандаа)-и ташкилоти қарзии барҳамдодашуда пардохт карда мешавад.
* Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, он гоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

**(3) Пардохти ҷубронпулии суғурта**

* Хазина ташкилоти қонунан ваколатдор барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мебошад.
* Пардохти ҷубронпулии суғурта на дертар аз 14 рӯз пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад. Пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути бонк-агент дар асоси аризаи пасандоздор дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ анҷом дода мешавад.

Муҳтарам пасандоздор! Барои дарёфти маълумоти муфассалтар аз сомонаи расмии Хазина истифода баред: www.idif.tj

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН – КАФОЛАТИ ҶУБРОНИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО!**